Бо қарори Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорони
ҶСК «Соҳибкорбонк» №1.3 аз 12 июни соли 2019
ТАСДИҚ ШУДААСТ
Тағйиру иловаҳо бо қарорҳои:
Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорони
ҶСК «Тавҳидбонк» №1.2 аз 30 июни соли 2020,
Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорони
ҶСК «Тавҳидбонк» №2.2 аз 27 январи соли 2021,
Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорони
ҶСК «Тавҳидбонк» №1.2 аз 10 июни соли 2021
ворид карда шудаанд

# О И Н Н О М А И
# ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ
# «ТАВҲИДБОНК»

Душанбе - 2021

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тавҳидбонк» (минбаъд - Бонк) бо роҳи табдилдиҳии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Соҳибкорбонк», ки 24 августи соли 1999 таҳти №28 дар Бонки миллии Тоҷикистон, 17 ноябри соли 2005 таҳти №001-1684 «А» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 26 июни соли 2010 таҳти рақами ягонаи мушаххас 5110007696 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда буд, ташкил ёфтааст.

1.2. Мақсади Бонк вусъат додани бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва гирифтани фоида бо роҳи хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тавассути амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ мебошад.

1.3. Бонк ба низоми ягонаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад ва дар асоси Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияти бонкии исломӣ машғул мебошад.

1.4. Бонк бе мӯҳлати амал таъсис дода мешавад.

1.5. Бонк дар шакли ташкилию ҳуқуқии «ҷамъияти саҳомии кушода» ташкил карда шуда, фаъолияти худро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ», «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.6. Номи пурраи фирмавии Бонк:

- бо забони тоҷикӣ: Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тавҳидбонк»;
- бо забони русӣ: Открытое акционерное общество «Тавхидбанк»;
- бо забони англисӣ: Open Joint-Stock Company “Tawhidbank”.

Номи мухтасари фирмавии Бонк:

- бо забони тоҷикӣ: ҶСК «Тавҳидбонк»;
- бо забони русӣ: ОАО «Тавхидбанк»;
- бо забони англисӣ: OJSC “Tawhidbank”.

Бонк ҳуқуқи истисноии истифодаи номи фирмавии худро дорад.

1.7. Суроғаи Бонк: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, бинои 4/1. Суроғаи электронии Бонк: E-mail: info@tawhidbank.tj; сомонаи расмии Бонк: www.tawhidbank.tj.

1.8. Бонк дорои мӯҳри мудаввар бо зикри номи пурраи фирмавии худ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, логотип ва маҳаллӣ ҷойгиршавӣ, инчунин рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), сикка ва бланкаҳои фирмавӣ, тамғаи моли бо тартиби муқарраргардида ба қайд гирифташуда ва дигар воситаҳои тасвирии шинохташаванда мебошад.

1.9. Бонк ҳуқуқ дорад дар номгӯи худ калимаи «исломӣ»-ро истифода намояд. Ном ва рамзи Бонк, ки принсипҳои маблағгузории исломиро истифода менамоянд, танҳо барои амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломӣ истифода мешаванд.

1.10. Забони коргузорӣ дар Бонк забони тоҷикӣ мебошад. Дар муросилоти байналмилалии Бонк забонҳои русӣ ва англисӣ истифода мешаванд.

## БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ БОНК

2.1. Бонк ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсисёфта ба ҳисоб меравад ва ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти бонкии исломиро аз лаҳзаи гирифтани Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон пайдо мекунад.

2.2. Бонк ҳамчун шахси ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моликият молу мулки алоҳидаеро дорад, ки дар тавозуни мустақили он ба ҳисоб гирифта мешавад, аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкии шахсиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ӯҳдадориҳоро ичро намояд, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад. Бонк ҳуқуқи ба даст овардан ва бегона кардани молу мулки манқул ва ғайриманқулро дорад.

2.3. Бонк дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи принсипҳои маблағгузории исломӣ метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он дар бонкҳо суратҳисобҳои мукотибавӣ ва дигар суратҳисобҳои худро кушояд ва муносибатҳои мукотибавии марбут ба бонкдорӣ ва молияи исломиро барпо намояд.

2.4. Саҳмиядорони Бонк шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ буда метавонанд. Шумораи саҳмиядорон маҳдуд карда намешавад.

2.5. Саҳмиядорони Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои Бонк масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд.

2.6. Бонк аз рӯи ӯҳдадориҳои саҳмиядорони худ ҷавобгар намебошад.

2.7. Агар муфлисшавии Бонк натиҷаи амал ё беамалии саҳмиядорон ё дигар шахси бонуфузи он бошад, ҳангоми нокифоягии молу мулки Бонк масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) аз рӯи ӯҳдадориҳои он ба зиммаи ҳамин саҳмиядорон ё шахси бонуфуз гузошта мешавад.

2.8. Санҷиши фаъолияти Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Санҷишкунандагон, кормандони Бонк ва дигар шахсони масъул, ки сирри бонкӣ ва ё тиҷоратиро дар натиҷаи иҷрои вазифаҳои хизматии худ дастрас намудаанд, бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва дигар қонунҳои амалкунандаро риоя намоянд ва дар сурати фош кардани чунин маълумот ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

2.9. Бонк бо мақсади ҳимояи манфиатҳои худ метавонад узви иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) бошад ё онҳоро таъсис диҳад ва тавассути ин иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) фаъолияти худро ҳамоҳанг созад, ба робитаҳои байни ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ мусоидат намояд, дастовардҳои мутақобилаи илмӣ, иттилоотӣ ва касбиро дастраси ҳамдигар гардонад, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ оид ба фаъолияти бонкии исломӣ тавсияҳо пешниҳод намояд.

## БОБИ 3. ФИЛИАЛҲО ВА НАМОЯНДАГИҲОИ БОНК. ҶАМЪИЯТҲОИ ФАРЪӢ ВА ВОБАСТАИ БОНК

3.1. Филиалҳо ва намояндагиҳои Бонк.

3.1.1. Бонк метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё берун аз он филиалҳо таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд.

3.1.2. Филиал воҳиди махсуси сохтории Бонк мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, аз номи Бонк пурра ё қисман фаъолияти бонкии исломиро иҷро менамояд ва бо Бонк сармояи оинномавӣ ва тавозуни ягона дорад.

3.1.3. Филиали Бонк бо Бонк номи ягона бо илова намудани калимаи «филиал» дорад, аз ҷониби Бонк бо воситаҳои асосӣ ва муомилотӣ таъмин карда мешавад ва фаъолияти худро аз номи Бонк дар асоси Низомномаи тасдиқнамудаи Шӯрои нозирони Бонк амалӣ менамояд.

3.1.4. Бонк барои оғози фаъолияти филиалҳои худ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» розигии Бонки миллии Тоҷикистонро мегирад.

3.1.5. Роҳбар ва сармуҳосиби филиали Бонк аз ҷониби Раиси Раёсати Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

3.1.6. Намояндагии Бонк воҳиди махсуси сохтории Бонк мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиатҳои Бонкро ҳифз ва намояндагӣ мекунад, вале ҳуқуқи иҷро намудани фаъолияти бонкии исломиро надорад.

3.1.7. Роҳбарони филиалу намояндагиҳо дар асоси ваколатномае, ки ба онҳо аз номи Бонк Раиси Раёсати Бонк медиҳад, амал мекунанд.

3.1.8. Амалҳои филиалу намояндагиҳои Бонк ҳамчун амали худи Бонк ба ҳисоб меравад ва қисми қонунии фаъолияти Бонк мебошанд. Бонк барои фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои худ бо пуррагӣ масъул аст.

3.1.9. Бонк филиалҳои зеринро дорад:

1) Филиали ҶСК «Тавҳидбонк» дар ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе. Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Қаҳоров, 75.

2) Филиали ҶСК «Тавҳидбонк» дар ш. Хуҷанд. Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи К. Хуҷандӣ, 165.

3) Филиали ҶСК «Тавҳидбонк» дар ш. Бохтар. Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Норинов, 6.

4) Филиали ҶСК «Тавҳидбонк» дар ноҳияи Шаҳритус. Суроға: 735180, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ноҳияи Шаҳритус, кӯчаи И. Сомонӣ, 26.

5) Филиали ҶСК «Тавҳидбонк» дар ноҳияи Рӯдакӣ. Суроға: 735100, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Пушкин, 42 а.

3.1.10. Бонк ва филиалҳои он метавонанд бо тартиби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон берун аз маҳалли воқеъгардидаи худ воҳидҳои дигари сохториро таъсис диҳанд, ки аз номи Бонк амалиёти алоҳидаи бонкии исломиро мутобиқи номгӯи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон иҷро менамоянд.

3.2. Бонк бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҷамъияти фаръӣ ё вобастаро ташкил намояд ё ба онҳо соҳиб шавад.

3.3. Бонк доир ба ҳар гуна тағйирот вобаста ба маҳалли ҷойгиршавӣ ё қатъи фаъолияти филиал, намояндагӣ ва ҷамъияти фаръии худ Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор мекунад.

## БОБИ 4. АМАЛИЁТҲОИ БОНКИИ ИСЛОМӢ ВА ДИГАР АҲДҲОИ БОНК

4.1. Бонк дар асоси Иҷозатномаи бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон додашуда ҳамаи амалиётҳои бонкии исломиро, ки дар қисми 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» пешбинӣ шудаанд, анҷом дода метавонад, аз ҷумла:

1) ҷалб намудан ва гирифтани амонати исломӣ, пасандози исломӣ ё пешбурди суратҳисоби сармоягузории шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;

2) кушодан ва хизматрасонии суратҳисоби муштарӣ (барои амонати исломӣ, пасандози исломӣ ё суратҳисоби сармоягузорӣ), суратҳисоби муросилотии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва инчунин суратҳисоби бонкҳо барои амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо;

3) амалиётҳои кассавӣ: қабул, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, мубодила, банду баст ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо;

4) амалиётҳои интиқолӣ: иҷрои хизматрасониҳои интиқолӣ барои интиқоли маблағи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ;

5) амалиётҳои баҳисобгирӣ: ба ҳисоб гирифтани векселҳо ва дигар коғазҳои қиматноки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

6) маблағгузории тиҷорат: додани қарзи исломӣ дар шакли накдӣ ё маблағгузории исломӣ (таъминшуда, таъминнашуда), аз ҷумла бидуни маҳдудияти:

- маблағгузории истеъмолӣ ҳамчун қарзи истеъмолӣ, ипотекӣ ва байнибонкӣ;
- факторинг;
- форфейтинг;

7) маблағгузории исломӣ барои сармоягузории асосӣ дар асоси фармоиши сармоягузор;

8) амалиёти ба боварӣ асосёфта: идоракунии маблағҳои пулӣ (коғазҳои қиматнок) ба манфиати молик ва дар асоси фармоиши он;

9) хизматрасонии фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқолӣ марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ ва векселҳо);

10) амалиётҳои сейфӣ: хизматрасониҳо оид ба бехатар нигоҳ доштан ва хизматрасониҳои амонатӣ ва идоракунии ҳисобот, ҳуҷҷат ва дороиҳои муштариён, аз ҷумла ба иҷора гирифтани қуттиву хонаҳои сейфӣ, нигоҳдории дороиҳо (пул, коғазҳои қиматнок, металлҳо, маснуоти заргарӣ ва дигар дороиҳо);

11) гаравгузорӣ: додани қарзҳои кӯтоҳмуддат бар ивази гарави коғазҳои қиматноки мубодилашаванда ва молу мулки манқуле, ки ҳамчун пасандоз истифода мешавад;

12) додани тратта;

13) ҷамъ кардан, қабул, пардохт ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои пардохт, кушодан ва тасдиқ намудани эътиборномаҳои тиҷоратӣ;

14) додани кафолати бонкӣ, аз ҷумла кафолат ва эътиборномаҳо аз номи худ ва аз номи муштариён;

15) барориши воситаҳои пардохт, аз ҷумла кортҳои пардохти бонкӣ, чек, чекҳои сафарӣ, ӯҳдадориҳои қарзӣ ва дигар воситаҳои пардохт;

16) кабул намудани инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо;

17) аҳдҳо оид ба мубодилаи асъор;

18) хариду фурӯши воситаҳои зерин аз ҳисоби худ ё муштариён:

- воситаҳои бозории пул, аз ҷумла чек, вексел, ӯҳдадориномаҳо ва тасдиқномаҳои пасандоз;
- асъори хориҷӣ;
- саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қиматноки интиқолшаванда;
- қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмия, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои маблағгузории исломӣ дахл доранд;

19) амалиётҳои дигаре, ки аз амалиётҳои дар Боби мазкур зикршуда бармеоянд, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд ва ба принсипҳои маблағгузории исломӣ муқобил намебошанд.

4.2. Бонк, ғайр аз амалиёти бонкии исломии дар банди 4.1. Боби мазкур номбаршуда, ҳуқуқ дорад аҳдҳои зеринро амалӣ намояд:

- додани замонат, ки иҷрои ӯҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд;
- иҷораи молиявӣ (лизинг);
- амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ;

- хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ;
- хизматрасонии иттилоотии молиявӣ ва қарзӣ.

4.3. Бонк ҳуқуқи иҷро намудани танҳо амалиётҳои зерини савдоро дорад:

- амалиёте, ки ба фаъолияти бонкиву молиявии исломии дар Боби мазкур дарҷгардида мувофиқ аст;
- фаъолияте, ки мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ талаб карда мешавад;
- амалиёте, ки ба шартҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда ҷавобгӯ аст.

4.4. Бонк ҳуқуқ надорад:

- дар шакли фоиз мукофотпулӣ ситонад;
- баргардондани амонати сармоягузорӣ ё даромад аз рӯи онро кафолат диҳад;
- маблағгузории (қарздиҳии) фаъолиятеро, ки ба истеҳсол ва (ё) савдои тамоку, маҳсулоти спиртӣ, силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, қиморбозӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва прекурсорҳо вобаста мебошад, анҷом диҳад;
- дигар намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ки маблағгузории (қарздиҳии) он мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ манъ шудааст, анҷом диҳад.

4.5. Бонк иштирокчии низоми суғуртаи ҳатмии амонатҳо намебошад ва амонатҳо дар Бонк аз рӯи низоми суғуртаи амонатҳо кафолат дода намешаванд.

4.6. Бонк ҳуқуқ дорад мустақилона меъёрҳои фоидаи пешбинишуда нисбат ба амалиётҳо оид ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳо, миқдори ҳаққи комиссионӣ бо мақсади ҷуброни хароҷот ва гирифтани даромадро муқаррар намояд.

## БОБИ 5. САРМОЯ, САҲМИЯ ВА КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ БОНК

5.1. Сармояи Бонк.

5.1.1. Сармояи Бонк барои таъмини рушди фоиданок ва устувори Бонк, пӯшонидани талафоти эҳтимолӣ ва кафолати боварии муштариён ба Бонк хизмат намуда, ҳамчун чораи муҳофизат зидди хавфҳои эҳтимолӣ, ки метавонанд дар давраи фаъолияташ ба вуҷуд оянд, истифода мешавад.

5.1.2. Асоси сармояи Бонкро сармояи пардохтшудаи оинномавӣ ташкил менамояд. Ба таркиби Сармояи оинномавии Бонк танҳо чунин сармоя ворид мешавад, ки аз рӯи он Бонк барои баргардонидани маблағи саҳмиядорон ӯҳдадор намебошад.

5.1.3. Сармояи оинномавии Бонк аз ҳисоби маблағҳои пардохтнамудаи муассисон ва фурӯши саҳмияҳои Бонк бо пули миллӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил карда мешавад. Бонк наметавонад сармояи худро аз ҳисоби воситаҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайридавлатии буҷетӣ, грантҳои ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда, воситаҳои ҷалбшуда ва қарзӣ ташкил ва пурра намояд.

5.1.4. Сармояи оинномавии Бонк аз арзиши номиналии саҳмияҳои Бонк, ки аз тарафи саҳмиядорон харидорӣ карда шудаанд, иборат аст ва наметавонад аз андозаи муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар бошад.

5.1.5. Саҳмиядорон аз ӯҳдадории пардохти саҳмияҳои Бонк, аз он ҷумла бо роҳи баҳисобгирии талабот нисбат ба Бонк, озод карда намешаванд.

5.2. Андозаи сармояи оинномавии Бонк.

5.2.1. Сармояи оинномавии Бонк ба маблағи 85 000 000 (ҳаштоду панҷ миллион) сомонӣ муайян шудааст.

5.2.2. Андозаи сармояи оинномавии Бонк метавонад бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бароriш ва ҷойгирнамоии саҳмияҳои иловагӣ зиёд карда шавад. Қарор дар мавриди зиёд кардани сармояи оинномавӣ бо роҳи барориш ва ҷойгир кардани

саҳмияҳои иловагӣ аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорони Бонк (минбаъд - Маҷлиси умумии саҳмиядорон) бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмиядорони дорандаи саҳмияҳои овоздори иштироккунандагони Маҷлиси умумии саҳмиядорон қабул карда мешавад. Зиёдшавии сармояи оинномавӣ танҳо пас аз пардохти пурраи он имконпазир мебошад.

5.2.3. Дар қарор оид ба зиёд намудани сармояи оинномавии Бонк миқдори саҳмияҳо, мӯҳлат ва шартҳои ҷойгир кардани онҳо, аз ҷумла тартиби ҷойгиркунӣ, тартиби муайян намудани нархи саҳмияҳои иловагии Бонк барои саҳмиядорон, ки ҳуқуқи афзалиятноки харидорӣ намудани онҳоро доранд, муайян карда мешавад.

5.2.4. Барориш ва ҷойгиркунии саҳмияҳои иловагии Бонк то бақайдгирии натиҷаи барориш ва ҷойгиркунии қаблии саҳмияҳо манъ аст.

5.2.5. Бонк ҳуқуқи кам кардани андозаи сармояи оинномавиро надорад, агар дар натиҷаи чунин камшавӣ андозаи он аз андозаи ҳадди ақали дар қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида, дар лаҳзаи эътибор пайдо намудани чунин тағйироти ба Оинннома дохилшаванда, кам шавад.

5.3. Саҳмияҳои Бонк.

5.3.1. Барориш ва паҳн намудани саҳмияҳои Бонк бо тартиби муайяннамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва «Дар бораи бозори коғазҳои қиматнок» дар ҳаҷми сармояи оинномавии Бонк ба амал бароварда мешаванд.

5.3.2. Ҳамаи саҳмияҳои эълоншудаи Бонк оддии номӣ буда, шакли барориши онҳо ғайриҳуҷҷатӣ аст.

5.3.3. Арзиши номиналии ҳар як саҳмияи Бонк 10 (даҳ) сомонӣ аст. Шумораи саҳмияҳои Бонк 8 500 000 (ҳашт миллиону панҷсад ҳазор) адад мебошад.

5.3.4. Саҳмия ба саҳмиядорон ҳуқуқи иштирок карданро дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳангоми баррасии масъалаҳои ба овоздиҳӣ баровардашуда, гирифтани қисми даромади Бонк дар шакли суд (дивиденд) ва қисми молу мулки боқимондаи Бонк баъд аз барҳам хӯрдани он тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, медиҳад.

5.3.5. Пардохт намудани саҳмияҳои Бонк танҳо бо пули миллӣ сурат мегирад.

5.3.6. Саҳмияҳои Бонк тақсимнашавандаанд.

5.3.7. Ҳуқуқи саҳмиядорон ба саҳмия дар низоми бурдани феҳрист аз ҷониби дорандаи феҳристи саҳмиядорон тавассути сабт дар суратҳисобҳои шахсии онҳо тасдиқ карда мешавад.

5.4. Коғазҳои қиматноки Бонк.

5.4.1. Барои ҷалб намудани маблағҳои иловагӣ Бонк ҳуқуқи баровардани коғазҳои қиматнокро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ, ба маблаға на зиёда аз андозаи муайяннамудаи сармояи оинномавӣ, дорад.

5.4.2. Коғазҳои қиматнок аз ҷониби Бонк бо қарори Шӯрои нозирони Бонк паҳн карда мешаванд.

5.4.3. Дар қарори қабулнамудаи Шӯрои нозирони Бонк оид ба барориши коғазҳои қиматнок арзиши номиналӣ, шакли барориш (ҳуҷҷатӣ, ғайриҳуҷҷатӣ), мӯҳлати бозпардохт (мӯҳлати яквақта ё бозпардохти силсилавӣ дар мӯҳлатҳои муайян), шакли бозпардохт (дар шакли пулӣ ё молумулкӣ), имконияти бозпардохти пеш аз мӯҳлат, арзиши аз нав барқарор намудани коғази қиматноки гум кардашуда ва шартҳои дигар пешбинӣ мешаванд.

5.4.4. Бонк барои пардохтани коғазҳои қиматноки баровардаи худ, инчунин риоя намудани дигар шартҳои барориши он, бо пуррагӣ масъул мебошад.

5.4.5. Ҳаҷми подоши хизмати миёнарав, ки дар паҳн кардани коғазҳои қиматнок тавассути обуна иштирок намудааст, набояд бештар аз 10 фоизи нархи паҳн кардани ин коғазҳои қиматнок бошад.

## БОБИ 6. ҲУҚУҚҲО ВА ӮҲДАДОРИҲОИ САҲМИЯДОРОН

6.1. Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки дорандаи лоақал як саҳмияи Бонк мебошанд, саҳмиядорони Бонк (минбаъд – саҳмиядорон) ба ҳисоб мераванд.

6.2. Саҳмиядорон соҳиби ҳуқуқҳои молу мулкии зерин мебошанд:

1) гирифтани суди саҳмияҳо аз фаъолияти Бонк бо пули миллӣ;

2) гирифтани қисми молу мулки Бонк дар ҳолати барҳам хӯрдани он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) пурра ва ё қисман васият намудани саҳмияҳои худ;

4) фурӯхтан ва ё ба тарзи дигар додани саҳмияҳои худ ё қисми онҳо.

6.3. Ҳуқуқҳои ғайримолумулкии саҳмиядорон инҳоянд:

1) ба феҳристи саҳмиядорони Бонк сабт шудан;

2) иштирок намудан дар идоракунии фаъолияти Бонк бо ҳуқуқи овоздиҳӣ дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон;

3) пешниҳод намудани таклифҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон;

4) бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани маълумот оид ба фаъолияти Бонк, аз ҷумла шинос шудан бо ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ,, маводи Маҷлиси умумии саҳмиядорон ва дигар ҳуҷҷатҳо, талаб намудани иқтибосҳо ва нусхаи протоколҳои Маҷлиси умумии саҳмиядорон дар мӯҳлатҳои муайяннамудаи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк;

5) ба Маҷлиси умумии саҳмиядорон пешниҳод намудани эътироз, баёнот ва таклифҳо;

6) талаб намудани даъвати Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорон, агар онҳо соҳиби дар маҷмӯъ на камтар аз 10 (даҳ) фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк бошанд;

7) ҳифз намудани ҳуқуқҳои худ бо тартиби судӣ; ба суд шикоят овардан оид ба қарори қабулнамудаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон, агар он бар хилофи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Бонк бошад ё ҳуқуқу манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи саҳмиядоронро вайрон мекунад, агар саҳмиядорон дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон иштирок накарда бошанд ё зидди қабули чунин қарор овоз дода бошанд. Чунин шикоятро дар давоми шаш 6 (шаш) моҳ аз рӯзе, ки саҳмиядорон огоҳ шудаанд ё бояд дар мавриди чунин қарор огоҳ мешуданд, ба суд пешниҳод намудан мумкин аст;

8) муттаҳид шудан бо мақсади равон кардани намояндаи умумӣ ба Маҷлиси умумии саҳмиядорон дар асоси ваколатнома.

Саҳмиядорон метавонанд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкиро дошта бошанд.

6.4. Саҳмиядорон дар ҳолати паҳнкунии оммавии саҳмияҳо аз тарафи Бонк ҳуқуқи афзалиятнокро барои харидорӣ намудани онҳо мутаносибан ба шумораи саҳмияҳои доро будаашон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд.

6.5. Саҳмиядорон ӯҳдадоранд:

1) оид ба ҳамаи тағйирот вобаста ба бақайдгирии гузаштани ҳуқуқи соҳибӣ ба саҳмияҳо ба шахси дигар Бонкро хабардор намоянд;

2) муқаррароти ҳамаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, аз чумла Оинномаи мазкур ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилие, ки тартиби фаъолияти Бонкро муайян менамоянд, риоя намоянд;

3) маълумоти махфиро оид ба фаъолияти Бонк, ки ба онҳо дар давраи саҳмиядор буданашон маълум гаштаанд, фош накунанд;

4) ҳамаи ӯҳдадориҳоро нисбат ба Бонк, ки аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба зиммаи онҳо вогузор карда шудаанд, иҷро намоянд;

5) барои ноил шудан ба мақсадҳои гузоштаи Оинннома ба Бонк кӯмак расонанд;

6) аз амалиётҳои номатлуби зараррасон ба Бонк ва иснод овардан ба обрӯи он бо сабаби риоя накардани принсипҳои маблағгузории исломӣ худдорӣ намоянд.

## БОБИ 7. ФЕҲРИСТИ САҲМИЯДОРОН

7.1. Бонк пешбурд ва маҳфуздории Феҳристи саҳмиядоронро мувофиқи тартиботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

7.2. Дар Феҳристи саҳмиядорон маълумот дар бораи ҳар як шахси ба қайд гирифташуда, шумораи саҳмияҳои ба номи ӯ сабтшуда ва дигар маълумоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешавад.

7.3. Дорандаи Феҳристи саҳмиядорон иштирокчии касбии бозори коғазҳои қиматнок, ки бо пешбурд ва маҳфуздории феҳристи соҳибони саҳмияҳо машғул аст, мебошад.

7.4. Ҳуқуқи саҳмиядор ба саҳмияҳо бо додани нусхаи сабт аз феҳристи саҳмиядорони Бонк аз ҷониби дорандаи феҳрист бо талаби саҳмиядор ё дорандаи номиналии саҳмия тасдиқ карда мешавад.

7.5. Бонк ӯҳдадор аст ҳамаи ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии феҳристи саҳмиядорон, протоколҳои ҷаласаҳоро дар мӯҳлатҳои аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянкардашуда нигоҳ дорад.

## БОБИ 8. ТАҚСИМОТИ ФОИДАИ БОНК

8.1. Фоидаи тавозунӣ ва фоидаи софи Бонк бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Аз фоидаи тавозунии Бонк андозҳои мутаносиб, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва фоидаи дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ (суратҳисобҳои музораба) тарҳ карда шуда, фоидаи соф бо қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон мутобиқи Оинномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсим карда мешавад.

8.2. Бонк дар масъалаҳои тақсими фоидаи соф дорои мустақилияти комили хоҷагидорӣ мебошад.

8.3. Қарор оид ба пардохти дивиденд, андозаи дивиденд, сана ва шакли пардохти он аз тарафи Маҷлиси умумии саҳмиядорон қабул карда мешавад. Дар ин маврид андозаи дивиденд аз андозаи тавсиякардаи Шӯрои нозирони Бонк зиёд шуда наметавонад.

8.4. Бонк андозаи дивидендҳоро бе назардошти андоз муайян менамояд. Дивидендҳо ба саҳмиядорон бо нигоҳ доштани андози мутаносиб пардохт карда мешаванд.

8.5. Дивидендҳо бо пули миллӣ пардохт карда мешаванд.

8.6. Дивидендҳо аз рӯи саҳмияҳои баровардашудае, ки паҳн карда нашудаанд, пардохт карда намешаванд.

8.7. Маҷлиси умумии саҳмиядорон қарорро оид ба пардохти дивидендҳо дар ҳолатҳои зерин қабул карда наметавонад:

1) то пурра пардохтани тамоми сармояи оинномавии Бонк;

2) то харидорӣ намудани саҳмияҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) агар дар рӯзи қабули чунин қарор Бонк мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аломатҳои муфлисшавӣ бошад ё агар дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо аломатҳои зикршуда дар Бонк ба мушоҳида расанд;

4) агар дар рӯзи қабули чунин қарор арзиши дороии софи Бонк аз сармояи оинномавӣ ва фонди захиравии он камтар бошад ё ҳаҷми онҳо дар натиҷаи қабули чунин

қарор камтар гардад;

5) агар ин гуна амал боиси риоя нашудани меъёри кифоятии сармояи Бонк гардад;

6) то пӯшонидани ҳамаи хароҷоти марбут ба таъсисёбии худ;

7) дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8.8. Бонк захираҳоро барои саривақт пӯшонидани зарарҳое, ки ба фаъолияти Бонк вобаста мебошанд, ташкил менамояд. Тартиби ташкил намудан ва шакли ҳисоби захираҳои таъсисдодаи Бонк барои ҳолатҳои пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи маблағгузорӣ, ки ин талафот ба хароҷоти Бонк дохил мешавад, мувофиқи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

8.9. Бонк ҳуқуқи ташкил намудани дигар захираҳоро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад. Захираҳои ташкилнамудаи Бонк барои мақсадҳои дигар истифода шуда наметавонанд.

8.10. Барои таъмини рушди Бонк, аз ҷумла рушди иҷтимоӣ, аз ҳисоби фоидаи софи Бонк дар асоси қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон фондҳои мақсаднок ё дигар фондҳо ташкил ёфта метавонанд, ки ӯҳдадорӣ ё имконият доир ба ташкили онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст ё бар хилофи он намебошад.

8.11. Бонк ӯҳдадор аст саривақт ба мақомоти андоз ва дигар мақомоти назоратӣ тавозун, ҳисоботҳо ва дигар маълумоти заруриро барои санҷиши дурустии ҳисоб ва пардохткунии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии ғайриандозӣ пешниҳод намояд, саривақт андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмии ғайриандозиро бо тартиб ва миқдори муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Точикистон пардохт намояд.

## БОБИ 9. МУНОСИБАТҲОИ БОНК БО МУШТАРИЁН

9.1. Муносибатҳои Бонк бо муштариёнаш ва дигар шахсони воқеию ҳуқуқӣ дар асоси шартнома сурат мегирад.

9.2. Тартиби гузаронидани амалиётҳои бонкӣ иттилооти ошкоро буда, наметавонад сирри бонкӣ бошад ва бо талаби муштарӣ аз тарафи Бонк ба ӯ пешниҳод мегардад.

9.3. Маълумот оид ба тағйирот дар хусуси хизматрасонии бонкӣ ва ё меъёри фоида аз рӯи амонат ё пасандози исломӣ ва маблағгузории исломӣ дар лавҳаҳои иттилоотии Бонк ҷойгир карда мешавад.

9.4. Ҳангоми хизматрасонии бонкӣ ба муштариён Бонк ҳуқуқи истифодаи ҳамаи намуди системаҳои ҳисобҳоро, ки дар таҷрибаи байналмилалии бонкӣ татбиқ карда мешаванд ва бар хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва принсипҳои маблағгузории исломӣ намебошанд, дорад.

9.5. Бонк ҳифзи маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулки қиматнокро, ки аз ҷониби муштариён ва муросилон ба Бонк супорида шудаанд, таъмин менамояд. Беосеб нигоҳ доштани онҳо бо тамоми молу мулки манқул ва ғайриманқул, фонду захираҳои пулии Бонк, инчунин бо чораҳои барои таъмини устувории вазъи молиявии Бонк амалишаванда, кафолат дода мешавад.

9.6. Бонк барои сари вақт ва пурра иҷро намудани ӯҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтааш бо роҳи танзими сохтори тавозуни худ мутобиқи меъёрҳои Бонки миллии Тоҷикистон чораҳо мебинад.

9.7. Ба маблағҳои пулӣ ва дигар арзишҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар суратҳисобҳо, амонат ё пасандози исломӣ ва ё дар Бонк нигоҳ дошта мешаванд, ҳабс ва ё руёниш танҳо дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

9.8. Маълумот оид ба суратҳисобҳо ва амонат ё пасандози исломии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, бақия ва ҳаракат дар онҳо тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

9.9. Бонк махфӣ нигоҳ доштани сирри амалиёт, суратҳисобҳо ва амонат ё пасандози исломии муштариёну муросилони худро кафолат медиҳад. Ҳамаи шахсони мансабдор ва кормандони Бонк, саҳмиядорон ва намояндагони онҳо, аудиторҳо вазифадоранд тибқи талаботи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сирри амалиёт, суратҳисобҳо ва амонат ё пасандози исломии муштариёни Бонк ва муросилони он ва ҳамчунин сирри тиҷоратии Бонкро махфӣ нигоҳ доранд.

9.10. Тартиби кор бо маълумоте, ки сирри бонкиро ташкил медиҳад ва чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон намудани он аз тарафи Раёсати Бонк бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

9.11. Маълумоти дар раванди фаъолияти Бонк ҷамъоваришуда, ба даст овардашуда ва андӯхташуда, ҳамчунин иттилооти дигаре, ки дар Бонк дар воситаҳои коғазӣ, магнитӣ ва навъҳои дигари нигоҳдорандаи маълумот қарор доранд ва аз ҷониби Раёсат ба сирри тиҷоратӣ мутааллиқ дониста шудаанд, бе розигии Раёсат ё шахсони мансабдори дигари ваколатдорнамудаи Раёсат, набояд фурӯхта, интиқол, нусхабардорӣ, мубодила ва ё ба ҳар гуна шакли дигар паҳн ва теъдодашон зиёд карда шавад.

## БОБИ 10. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ БОНК

10.1. Мақомоти идоракунии Бонк инҳоянд:

- мақоми олии идоракунии Бонк - Маҷлиси умумии саҳмиядорон,
- мақоми идоракунӣ - Шӯрои нозирони Бонк (минбаъд – Шӯрои нозирон);
- мақоми иҷроия – Раёсати Бонк (минбаъд – Раёсат);
- мақоми масъул барои мутобиқ будани созишномаҳои (шартномаҳои) басташудаи Бонк ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ - Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии Бонк (минбаъд – Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ).

10.2. Тартиби таъсис ва фаъолияти мақомоти идоракунии Бонк дар асоси меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» муайян карда мешавад.

## БОБИ 11. МАҶЛИСИ УМУМИИ САҲМИЯДОРОН

11.1. Маҷлиси умумии саҳмиядорон мақоми олии идоракунии Бонк мебошад.

11.2. Ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмиядорон масъалаҳои зерин мансубанд:

1) ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Оинномаи Бонк ё тасдиқ намудани Оинномаи Бонк дар таҳрири нав;

2) азнавташкилдиҳии ихтиёрии Бонк;

3) барҳамдиҳии Бонк, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ;

4) зиёд кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ;

5) кам кардани сармояи оинномавии Бонк бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо, бо роҳи аз ҷониби Бонк харидани қисми саҳмияҳояш бо мақсади кам кардани миқдори умумии онҳо, инчунин бо роҳи пардохти арзиши саҳмияҳои бадастоварда ё азнавхаридаи Бонк;

6) муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъи) саҳмияҳои эълоншуда ва коғазҳои қиматнок ва ҳуқуқҳои ба онҳо taаллуқдошта;

7) муайян намудани шумораи аъзои Шӯрои нозирон, интихоби аъзои он ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои онҳо;

8) интихоби Ревизори Бонк (минбаъд – Ревизор) ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои ӯ;

9) тасдиқи низомномаҳои Шӯрои нозирон, Раёсат, дар бораи Ревизор, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, ки тасдиқи онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур таҳти салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмиядорон қарор дорад;

10) таъини ташкилоти аудиторӣ (аудитори берунӣ) ва подошпулии он;

11) тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавӣ, аз он ҷумла ҳисобот дар мавриди фоида ва зарари (ҳисоби даромад ва зарари) Бонк, инчунин тақсими фоида, аз ҷумла пардохти (эълони) суди саҳмияҳо ва товони зарари Бонк аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ;

12) пардохти суди (дивиденди) саҳмия;

13) тасдиқи дастури кори Маҷлиси умумии саҳмиядорон;

14) дар бораи иштироки Бонк дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи супурдани як ё якчанд қисми доройӣ ба маблағи пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон;

15) маъқул донистани аҳдҳои калон ва аҳдҳое, ки барои анҷом додани онҳо манфиатдорӣ мавҷуд аст;

16) аз ҷониби Бонк харидани саҳмияҳои паҳнкардашуда дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

17) дигар масъалаҳое, ки тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмиядорон мансуб мебошанд.

Қарорҳо аз рӯи масъалаҳои дар зербандҳои 1), 2), 3), 4), 5) ва 12) банди мазкур инъикосёфта аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмиядорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор, ки дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон иштирок намудаанд, қабул карда мешаванд.

Қарор аз рӯи масъалаи дар зербанди 15) банди мазкур зикршуда дар бораи маъқул донистани аҳдҳои калон, ки мавзӯи он молу мулки дорои арзиши аз 30 то 50 фоизи арзиши тавозунии дороии Бонк мебошад, аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорон бо аксарияти аз се ду ҳиссаи овозҳо ва дар сурати дорои арзиши беш аз 50 фоизи арзиши тавозунии дороии Бонк - бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмиядорон – дорандаи саҳмияҳои овоздори дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон иштирокдошта қабул карда мешавад.

Қарорҳо аз рӯи масъалаҳои дигар бо аксарияти овози саҳмиядорон – дорандаҳои саҳмияҳои овоздори дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон иштирокдошта қабул карда мешаванд.

11.3. Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳуқуқ надорад масъалаҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти салоҳияташ қарорнадоштаро баррасӣ намояд ва вобаста ба онҳо қарор қабул намояд.

11.4. Масъалаҳои марбут ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмиядорон наметавонанд ҷиҳати ҳал ба Раёсат ирсол гарданд.

11.5. Маҷлиси умумии саҳмиядорон дар шакли маҷлис (иштироки якҷояи саҳмиядорон барои муҳокимаи масъалаи рӯзнома ва қабули қарор оид ба масъалаҳои воҷиби овоздиҳӣ) ё овоздиҳии ғоибона гузаронида мешавад. Маҷлиси умумии саҳмиядорон, ки рӯзномаи он масъалаҳои интихоби Шӯрои нозирон, Ревизор, таъини аудитори берунии Бонк, инчунин масъалаҳои пешбининамудаи зербанди 11 банди 11.2. Боби мазкурро дар бар мегирад, наметавонад дар шакли овоздиҳии ғоибона гузаронида шавад.

11.6. Тартиби тайёр намудан ва гузаронидани Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорон.

11.6.1. Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳар сол бо қарори Шӯрои нозирон дар мӯҳлати на пештар аз 2 моҳ ё на дертар аз 6 моҳ баъд аз анҷоми соли молиявӣ даъват карда мешавад.

11.6.2. Ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон Шӯрои нозирон инҳоро муайян менамояд:

- шакли гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон (маҷлис ё овоздиҳии ғоибона);
- сана, маҳал, вақти гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон ва дар сурати гузаронидани Маҷлис дар шакли овоздиҳии ғоибона - санаи баохиррасии қабули бюллетенҳои овоздиҳӣ ва суроғаи почта, ки тавассути он бюллетенҳои пуркардашуда ирсол мегарданд;
- санаи таҳияи рӯйхати шахсоне, ки барои иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳуқуқ доранд;
- рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон;
- тартиби огоҳ намудани саҳмиядорон дар мавриди гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон;
- номгӯи иттилооте (маводе), ки бояд ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба онҳо пешниҳод гардад ва тартиби пешниҳоди он;
- шакл ва матни бюллетени овоздиҳӣ ҳангоми овоз додан тавассути бюллетен.

11.6.3. Хабар оид ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон на дертар аз 20 рӯз ва дар сурати баррасии масъалаи азнавташкилдиҳии Бонк на дертар аз 30 рӯз пеш аз санаи гузаронидани он пешниҳод карда мешавад.

11.6.4. Ба шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядоронро доранд, ҳангоми омодагӣ ба гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон иттилооти (маводи) зерин бояд пешниҳод гардад: ҳисоботи солонаи муҳосибавӣ, ахбороти Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, хулосаи аудитори берунӣ, хулосаи Ревизор оид ба натиҷаҳои тафтиши ҳисоботи солонаи муҳосибавӣ, маълумот дар бораи номзадҳо ба ҳайати Шӯрои нозирон ва ба вазифаи Ревизор, лоиҳаи тағйиру иловаҳо, ки ба Оинномаи Бонк ворид карда мешаванд ё лоиҳаи Оинномаи Бонк дар таҳрири нав, лоиҳаи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк, лоиҳаи қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмиядорон.

11.6.5. Рӯйхати шахсоне, ки ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмиядоронро доранд, дар асоси маълумоти феҳристи саҳмиядорони Бонк тартиб дода мешавад.

11.6.6. Саҳмиядор ё саҳмиядорони дорандагони на камтар аз 2 фоизи саҳмияҳои овоздор ҳуқуқи пешниҳод намудани масъалаҳоро ба рӯзномаи Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорон, инчунин пешниҳод намудани номзадҳоро ба ҳайати Шӯрои нозирон, Раёсат ва ба вазифаи Ревизорро доранд. Чунин пешниҳодҳо на дертар аз 2 моҳ баъди анҷоми соли молиявӣ ба Шӯрои нозирон бояд ворид гарданд. Шӯрои нозирон вазифадор аст пешниҳодоти воридшударо баррасӣ намуда, дар хусуси ворид кардани онҳо ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон ё рад кардани онҳо дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯзи баъди ба охиррасии мӯҳлати зикргардида қарор қабул кунад. Дар сурати қабул накардани пешниҳод қарори асосноки Шӯрои нозирон ба саҳмиядор (саҳмиядорон), ки ворид намудани масъаларо пешниҳод ё номзадро пешбарӣ кардааст, дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи баъди қабули он фиристода мешавад. Аз қарори Шӯрои нозирон дар бораи ворид накардани масъала ба рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон ё дохил накардани номзад ба рӯйхати номзадҳо ҷиҳати овоздиҳӣ, инчунин аз қабули қарор саркашӣ кардани Шӯрои нозирон ба суд шикоят кардан мумкин аст.

11.6.7. Ҳуқуқи иштирок дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон аз тарафи саҳмиядор шахсан ё бо воситаи намояндаи ӯ амалӣ мегардад. Намояндаи саҳмиядор дар доираи ваколатҳои дар ваколатнома дарҷгардида, ки он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби саҳмиядор дода шудааст, амал мекунад.

11.6.8. Маҷлиси умумии саҳмиядорон босалоҳият (дорои кворум) ҳисобида мешавад, агар дар он саҳмиядорони дар маҷмӯъ дорои беш аз нисфи овозҳои саҳмияҳои овоздори паҳнкардашудаи Бонк иштирок намоянд. Саҳмиядорон ё намояндагони онҳо, ки ба рӯйхати саҳмиядорон дохил карда шудаанд, ҳамчун иштироккунандаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон эътироф мегарданд, агар онҳо ҷиҳати иштирок дар он ба қайд гирифта шуда бошанд. Дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон, ки дар шакли овоздиҳии ғоибона мегузарад, саҳмиядороне иштирокдошта эътироф мегарданд, ки бюллетенҳояшон то санаи анҷоми қабули бюллетенҳо дастрас шудаанд.

11.6.9. Дар ҳолати мавҷуд набудани кворум барои гузаронидани Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорон, мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси такрории умумии саҳмиядорон гузаронида мешавад.

11.6.10. Овоздиҳӣ дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон аз рӯи қоидаи «як саҳмияи овоздори Бонк – як овоз» анҷом дода мешавад.

11.6.11. Овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон бо усули овоздиҳии кушода анҷом дода мешавад. Овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи Маҷлиси умумии саҳмиядорон, ки дар шакли овоздиҳии ғоибона сурат мегирад, тавассути бюллетенҳои овоздиҳӣ анҷом дода мешавад.

11.6.12. Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳуқуқ надорад аз рӯи масъалаҳое, ки ба рӯзномаи маҷлис дохил нашудаанд, қарор қабул кунад, инчунин ба рӯзнома тағйирот ворид намояд.

11.6.13. Протоколи Маҷлиси умумии саҳмиядорон дар давоми 10 рӯзи баъди пӯшида шудани Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба расмият дароварда шуда, маълумоти зеринро дар бар мегирад: номи Бонк; мавқеъ ва вақти гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон; мавҷуд будани кворум; рӯзномаи маҷлис; тартиби кор; тартиби овоздиҳӣ; баромади иштирокчиёни маҷлис; масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда ва натиҷаҳои овоздиҳӣ аз рӯи онҳо; қарорҳои қабулшуда. Протоколи Маҷлиси умумии саҳмиядорон аз тарафи Раис ва котиби маҷлис имзо шуда, бо мӯҳри Бонк тасдиқ карда мешавад.

11.6.14. Ҳангоми гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон дар шакли овоздиҳии ғоибона аз натиҷаи ҳисоби овозҳо аз рӯи бюллетенҳои овоздиҳӣ протокол тартиб дода мешавад, ки он аз тарафи котиби маҷлис ва намояндаи дорандаи феҳристи саҳмиядорон имзо карда мешавад. Протокол оид ба натиҷаҳои овоздиҳӣ ба протоколи Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳамроҳ карда мешавад.

11.6.15. Протоколи Маҷлиси умумии саҳмиядорон бо замимаи маводи Маҷлиси умумии саҳмиядорон ресмонбандӣ ва саҳифагузорӣ карда шуда, дар Бонк нигоҳ дошта мешаванд.

11.7. Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорон.

11.7.1. Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорон бо қарори Шӯрои нозирон, бо ташаббуси худи Шӯрои нозирон, бо талаби Ревизор, аудитори берунӣ ё саҳмиядорон (саҳмиядор), ки соҳиби на камтар аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк дар санаи пешниҳоди талабот мебошанд, доир мегардад.

11.7.2. Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорон, ки бо талаби Ревизор, аудитори берунӣ ё саҳмиядорони (саҳмиядори) дорои на камтар аз 10 (даҳ) фоизи саҳмияҳои овоздор даъват мегардад, бояд дар давоми 30 рӯз аз лаҳзаи пешниҳоди талабот оид ба доир намудани Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорон гузаронида шавад.

11.7.3. Шӯрои нозирон бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад даъвати Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядоронро дар

асоси талаби Ревизор, аудитори берунӣ ё саҳмиядорони (саҳмиядори) дорандаи на кам аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк, рад намояд.

11.7.4. Даъвати Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядорон дар ҳолатҳои зерин ҳатмист:

- вуҷуд доштани хавфи қобилияти пардохтпазирии Бонк ё камшавии назарраси (зиёда аз 50 фоиз) сармояи оинномавии Бонк;
- ба вуҷуд омадани дигаргуниҳои назарраси ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ дар фаъолияти Бонк, ки тағйир додани Оинномаи мазкур ва андешидани дигар чораҳои фавқулоддаро талаб мекунад;
- дар ҳолати аз нисфи шумораи умумии тасдиқшудаи аъзои Шӯрои нозирон кам шудани шумораи аъзои он;
- дар ҳолатҳои дигари пешбинишудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ 12. ШӮРОИ НОЗИРОН

12.1. Шӯрои нозирон мақоми идоракунии Бонк буда, роҳбарии умумии фаъолияти Бонкро амалӣ менамояд ба истисной ҳалли масъалаҳое, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи Бонк дар доираи салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмиядорони Бонк мебошанд.

12.2. Ҳайати Шӯрои нозирон аз 5 нафар иборат аст.

12.3. Аъзои Шӯрои нозирон ба мӯҳлати 4 сол дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон интихоб мегарданд. Аъзои Шӯрои нозирон метавонанд дар давраҳои минбаъда аз нав интихоб шаванд.

12.4. Узви Шӯрои нозирон метавонад танҳо шахси воқеӣ бошад. Аъзои Шӯрои нозирон аз ҳисоби саҳмиядорон, муассисон ва мутахассисон - коршиносони даъватшуда, ки дорои таҳсилоти олӣ буда, шахсони аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод мебошанд, интихоб карда мешаванд. На камтар аз чор як ҳиссаи аъзои Шӯрои нозирон бояд дар низоми бонкӣ собиқаи кории зиёда аз сесола дошта бошанд.

12.5. Шахсе, ки ба тарафдории номзадии ӯ аксарияти овози саҳмиядорони дорандаи саҳмияҳои овоздори иштироккунандагони Маҷлиси умумии саҳмиядорон дода шудааст, узви интихобшудаи Шӯрои нозирон эътироф карда мешавад.

12.6. Шумораи номзадҳое, ки барои интихоб ба ҳайати Шӯрои нозирон пешбарӣ шудаанд, аз шумораи муайяншудаи аъзои Шӯрои нозирон метавонад зиёд бошад. Ба Шӯрои нозирон номзадҳое интихобшуда ба ҳисоб мераванд, ки овози бештарро ба даст овардаанд.

12.7. Шахси ба узвияти Шӯрои нозирон пешбаришуда ҳуқуқ дорад номзадии худро то лаҳзаи ворид шудани насабаш ба рӯйхати дахлдори номзадҳо бозпас гирад.

12.8. Аъзои Шӯрои нозирон наметавонанд:

1) дар ягон ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломии дигар, ба истисной ҷамъияти вобаста, кор кунанд;

2) аъзои оилаи узви Шӯрои нозирони дигар ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломӣ бошанд;

3) узви Шӯрои нозирон ё саҳмиядори (иштирокчии) дигар ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломӣ бошанд;

4) раис ё узви Раёсати дигар ташкилоти қарзии анъанавӣ ё ташкилоти қарзии исломӣ бошанд;

5) хизматчии давлатӣ бошанд;

6) синнашон аз сӣ кам бошад.

12.9. Шӯрои нозирон дар машварат бо Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ самтҳои асосии фаъолияти Бонкро муайян намуда, барои назорати татбиқи он масъул мебошад ва идоракунии онро назорат менамояд.

12.10. Шӯрои нозирон дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) муайян намудани ҳадафҳои Бонк ва дурнамои он;

2) муқаррар намудани сиёсати дохилӣ ва сармоягузорӣ, низоми назорати дохилӣ ва меъёрҳои одоб, тасдиқ намудани ҳуҷҷатҳои дохилии танзимкунандаи Бонк, ки тасдиқи онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Шӯрои нозирон марбут дониста шудааст;

3) бо пешниҳоди Раёсат тасдиқ намудани нақшаҳои корӣ ва молиявӣ, буҷети солона ва бизнес-нақшаи Бонк ва ҳисоботи ҷорӣ оид ба иҷрои онҳо;

4) даъвати Маҷлиси умумии саҳмиядорони Бонк ва ҳалли масъалаҳое, ки ба омодагӣ ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорон алоқаманд буда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Оинномаи мазкур ба зиммаи Шӯрои нозирон вогузор шудаанд;

5) тасдиқ намудани пешакии ҳисоботи солона, ҳисоботи солонаи муҳосибавӣ, аз он ҷумла ҳисобот оид ба фоида ва зарари Бонк, инчунин тақсими фоида ва зарари Бонк аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ;

6) пешниҳоди тавсияҳо вобаста ба андозаи суди (дивиденди) саҳмияҳо ва тартиби пардохти онҳо;

7) шунидани ҳисоботи Раёсат оид ба фаъолияти Бонк (аз ҷумла оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ аз тарафи аъзои он), иҷрои қарорҳои Маҷлиси умумии саҳмиядорони Бонк ва Шӯрои нозирон;

8) муайян намудани сиёсати Бонк дар бобати маблағгузорӣ, бастани шартномаҳои маблағгузорӣ, барориши коғазҳои қиматнок, додани замонатҳо, кафолатҳо ва аккредитивҳо;

9) аз ҷониби Бонк пахн кардан ва ба даст овардани саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

10) дар асоси пешниҳоди Раёсат маъқул донистани аҳдҳое, ки мавзӯи он молу мулки дорои арзиши аз 10 то 30 фоизи арзиши тавозунии дороии Бонк мебошад ё дар анҷомдиҳии он манфиатдорӣ мавҷуд аст;

11) дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» дар асоси пешниҳоди Раёсат ирсол намудани масъалаи маъқул донистани аҳди калон ва ё аҳде, ки дар анҷомдиҳии он манфиатдорӣ мавҷуд аст, барои баррасии Маҷлиси умумии саҳмиядорон;

12) дар асоси пешниҳоди Раёсат маъқул донистани харидани саҳмияҳо ва коғазҳои қиматноки паҳннамудаи Бонк дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

13) муқаррар намудани нархи (баҳои пулии) молу мулк, нархи паҳн кардан ва бозхариди коғазҳои қиматнок дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

14) муқаррар намудани стандартҳои идоракунии хавфҳо ва ҳадди ақали меъёрҳои мақбули дохилӣ;

15) муайян намудани хавфҳои асосие, ки Бонк дучори онҳо мегардад ва муқаррар кардани ҳадди ҷоизи ин хавфҳо;

16) назорати тадбирҳое, ки Раёсат барои ошкорсозӣ, андозагирӣ, мониторинг ва назорати хавфҳо меандешад;

17) нигаҳдории низоми мувофиқу босамари назорати дохилӣ, инчунин мониторинги самарабахши низоми назорати дохилии аз тарафи Раёсат амалишаванда;

18) таъсис додани Раёсат, интихоб ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои аъзои он;

19) бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Раиси Раёсат ва бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо ӯ, аз вазифа озод намудани Раиси Раёсат;

20) маъқул донистани ба вазифа таъин ва аз вазифа озод кардани аъзои Раёсат ва кормандони роҳбарикунандаи Бонк (ба истиснои роҳбар ва сармуҳосиби филиали Бонк) бо пешниҳоди Раиси Раёсат;

21) тасдиқ намудани Сохтори ташкилӣ ва таъини роҳбари воҳиди сохтории аудити дохилии (сараудитори) Бонк;

22) муайян кардани шартҳо ва андозаи музди меҳнати Раис, аъзои Раёсат ва сараудитори Бонк;

23) таъсис додани Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, таъин намудани аъзои он ва муайян кардани шартҳо ва андозаи музди меҳнати онҳо;

24) таъсис додани филиалҳо ва кушодани намояндагиҳои Бонк ва барҳамдиҳии онҳо;

25) баррасӣ намудани натиҷаҳои аудит ва санҷишҳои дохилию берунӣ;

26) тасдиқ намудани дорандаи феҳристи саҳмиядорони Бонк ва шартҳои шартномаи бо он басташуда, инчунин бекор кардани шартномаи мазкур;

27) дар ҳолатҳои зарурӣ барои ҳалли масъалаҳои мушаххас таъсис додани кумитаҳо дар назди Шӯрои нозирон аз ҳисоби аъзои Шӯрои нозирон ва ё кормандони Бонк ва мутахассисони берунӣ;

28) интихоб намудани Раиси Шӯрои нозирон ва пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои ӯ;

29) бо пешниҳоди Раиси Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани Котиби корпоративии Бонк;

30) пешниҳод намудани тавсияҳо ба Маҷлиси умумии саҳмиядорон вобаста ба андозаи подош ва ё ҷубронпулӣ ба аъзои Шӯрои нозирон ва кумитаҳои он, Ревизор, муайян намудани андозаи пардохти хизматрасонии аудитори берунии Бонк;

31) маъқул донистани шартномаи дастаҷамъӣ ва созишномаҳое, ки аз тарафи Бонк дар доираи танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ баста шудаанд;

32) муайян намудани иттилоот оид ба Бонк ё фаъолияти он, ки сирри бонкӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад, инчунин тартиби кушодани он ба шахсони сеюм аз ҷониби Бонк;

33) ҳалли масъалаҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Шӯрои нозирон вогузор шудаанд.

12.11. Масъалаҳои марбут ба салоҳияти Шӯрои нозиронро ба зиммаи Раёсат гузоштан мумкин нест.

12.12. Шӯрои нозиронро Раис роҳбарӣ мекунад, ки ӯ бо шакли овоздиҳии кушода бо аксарияти овозҳои аъзои Шӯрои нозирон интихоб карда мешавад.

12.13. Раиси Шӯрои нозирон кори Шӯрои нозиронро ба роҳ монда, маҷлиси Шӯрои нозиронро даъват менамояд ва ба он роҳбарӣ мекунад, дар Маҷлиси умумии саҳмиядорон раисӣ менамояд.

12.14. Дар сурати ҳозир набудани раиси Шӯрои нозирон вазифаҳои ӯро бо қарори Шӯрои нозирон яке аз аъзои Шӯрои нозирон иҷро мекунад.

12.15. Шӯрои нозирон ҳуқуқ дорад ҳар вақт Раиси худро бо аксарияти овозҳои аъзои Шӯрои нозирон аз нав интихоб намояд.

12.16. Раиси Шӯрои нозирон дар сурати бо хоҳиши худ қатъ намудани ваколатҳои ӯ ҳамчун узви Шӯрои нозирон вазифадор аст ҳар як узви Шӯрои нозиронро дар ин хусус ба таври хаттӣ огоҳ намояд.

12.17. Маҷлиси Шӯрои нозирон ҳангоми мавҷуд будани кворум, яъне ҳозир будани зиёда аз нисфи шумораи аъзои он, аз он ҷумла тариқи онлайн (бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ), босалоҳият аст. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар маҷлиси Шӯрои нозирон ҳар узви Шӯрои нозирон танҳо як овоз дорад. Аз тарафи узви Шӯрои нозирон ба зиммаи шахси дигар, аз ҷумла узви дигари Шӯрои нозирон, вогузор намудани ҳуқуқи овоздиҳӣ мумкин нест.

12.18. Қарорҳои Шӯрои нозирон бо аксарияти овозҳои аъзои Шӯрои нозирон, ки дар маҷлиси он иштирок мекунанд, қабул карда мешаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи мазкур ва ҳуҷҷатҳои дохилибонкӣ тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошанд. Дар сурати баробар будани овози аъзои Шӯрои нозирон дар вақти қабул намудани қарор ҳуқуқи овози ҳалкунанда ба Раиси Шӯрои нозирон марбут аст.

12.19. Аъзои Шӯрои нозирон, ки дар ягон вазифа кор мекунанд ё соҳиби молу мулк мебошанд ва байни ӯҳдадориҳо ё манфиатҳои онҳо мустақиман ё ғайримустақим бархӯрд ба миён меояд, бояд дар ин бора дар маҷлиси Шӯрои нозирон изҳори ақида кунанд. Дар ин ҳолат онҳо аз овоздиҳӣ ё иштирок дар қабули қарори Шӯрои нозирон то вуҷуд доштани бархӯрди манфиатҳо худдорӣ менамоянд.

12.20. Таъминнокии ташкилии фаъолияти Шӯрои нозиронро Котиби корпоративии Бонк (минбаъд – Котиби корпоративӣ), ки ба ҳайати кормандони масъули Бонк мансуб буда, бо пешниҳоди Раиси Шӯрои нозирон аз ҷониби Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад, амалӣ менамояд. Котиби корпоративӣ дар асоси Оинномаи Бонк, Низомномаи Шӯрои нозирон ва Дастурамали хизматии Котиби корпоративӣ амал мекунад. Дастурамали хизматии Котиби корпоративӣ аз тарафи Раиси Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешавад.

12.21. Дар маҷлиси Шӯрои нозирон протокол аз ҷониби Котиби корпоративӣ бурда мешавад. Протоколи маҷлиси Шӯрои нозирон дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи баъди гузаронидани он тартиб дода мешавад. Дар протоколи маҷлис ҷой ва вақти гузаронидани он, шахсони дар маҷлис иштирокдошта, рӯзномаи маҷлис, масъалаҳое, ки ба овоздиҳӣ гузошта шудаанд ва натиҷаи овоздиҳӣ оид ба онҳо, қарорҳои қабулгардида зикр мегарданд. Протоколи маҷлиси Шӯрои нозирон аз ҷониби раисикунанда ва котиби маҷлис имзо карда мешавад.

12.22. Бо қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба аъзои Шӯрои нозирон дар давраи анҷом додани ӯҳдадориҳояшон подоши меҳнат пардохт мешавад ва (ё) хароҷоташон вобаста ба иҷрои вазифаи узви Шӯрои нозирон ҷуброн карда мешавад. Андозаи чунин подош ё ҷубронпулӣ бо қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон муқаррар карда мешавад.

12.23. Бо қарори Маҷлиси умумии сахмиядорон ваколатҳои аъзои Шӯрои нозирон метавонанд пеш аз мӯҳлат дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда шаванд.

12.24. Ваколатҳои узви Шӯрои нозирон бо ташаббуси ӯ метавонанд ҳар вақт, бо роҳи ба таври хаттӣ огоҳ намудани Шӯрои нозирон қатъ карда шаванд. Ваколатҳои узви Шӯрои нозирон аз рӯзи огоҳиномаро гирифтани Шӯрои нозирон қатъ мегарданд, агар дар огоҳинома мӯҳлати бештар, ки наметавонад аз шаш моҳ зиёд бошад, нишон дода нашуда бошад ва ин мӯҳлат бо аксарияти овози аъзои боқимондаи Шӯрои нозирон қабул карда мешавад.

12.25. Агар ҳангоми ба охир расидани мӯҳлати интихоби Шӯрои нозирон Маҷлиси навбатии умумии саҳмиядорони Бонк доир нашуда бошад, ваколатҳои Шӯрои нозирон, ба истисноии ваколатҳои омодасозӣ, даъват ва гузаронидани Маҷлиси умумии саҳмиядорони Бонк, қатъ мегарданд.

12.26. Агар шумораи аъзои Шӯрои нозирон аз миқдори ташкилкунандаи кворуми дар банди 12.17. Боби мазкур зикргардида камтар гардад, Шӯрои нозирон вазифадор аст

Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмиядоронро барои интихоби ҳайати нави Шӯрои нозирон даъват кунад.

12.27. Тартиби ба амал овардани фаъолият ва баргузории маҷлисҳои Шӯрои нозирон, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти аъзои Шӯрои нозирон, ваколатҳои Раиси Шӯрои нозирон, ҳамкории Шӯрои нозирон бо дигар мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои сохтории Бонкро Низомномаи Шӯрои нозирони ҶСК «Тавҳидбонк», ки аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорон тасдиқ мегардад, муайян менамояд.

## БОБИ 13. РАЁСАТ

13.1. Раёсат роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории Бонкро амалӣ намуда, барои иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррӯзаи Бонк масъул мебошад. Раёсат дар назди Шӯрои нозирон ва Маҷлиси умумии саҳмиядорон ҳисоботдиҳанда аст.

13.2. Раёсат аз ҷониби Шӯрои нозирон дар ҳайати на кам аз панҷ нафар таъсис дода мешавад.

13.3. Ба ҳайати Раёсат аз рӯи вазифа Раиси Раёсат, муовини аввал ва муовини Раиси Раёсат, сармуҳосиби Бонк дохил шуда, дигар кормандони роҳбарикунандаи Бонк метавонанд интихоб карда шаванд.

13.4. Аъзои Раёсат аз ҷониби Шӯрои нозирон бо розигии Бонки миллии Тоҷикистон баъди аз санҷиши тахассусӣ гузаштани онҳо интихоб карда мешаванд. Ба Раёсат шахсе интихобшуда ба ҳисоб меравад, ки аксарияти овози аъзои Шӯрои нозиронро ба даст овардааст.

13.5. Раиси Раёсатро Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод. менамояд. Раиси Раёсат ба вазифа баъд аз гузаштани санҷиши тахассусӣ ва гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда мешавад.

13.6. Муовини аввал, муовини Раиси Раёсат ва сармуҳосибро Раиси Раёсат бо ҷонибдории Шӯрои нозирон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд. Кормандони роҳбарикунандаи мазкур ба вазифа баъд аз гузаштани санҷиши тахассусӣ ва гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон таъин карда мешаванд.

13.7. Аъзои Раёсат бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1) дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳамчунин дорои таҳсилот дар соҳаи фаъолияти бонкии исломӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз рӯи ихтисос дар низоми бонкӣ, ки на камтар аз се соли онро собиқа дар вазифаҳои роҳбар ё муовини роҳбари воҳидҳои сохтории иқтисодӣ ташкил диҳад, бошанд;

2) шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод бошанд;

3) оид ба Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ дониши кофӣ дошта бошанд;

4) корманди ташкилоти қарзии анъанавӣ ва ташкилоти қарзии исломии дигар набошанд;

5) дар Бонк пурра ва дар як вазифа кор кунанд;

6) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ намоянд.

13.8. Раиси Шӯрои нозирон аз номи Бонк бо аъзои Раёсат шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ мебандад, ки дар он вазифа, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо, андозаи музди меҳнат (моҳона, иштирок дар даромадҳо, пардохти хароҷоти намояндагӣ ва дигар пардохтҳои иловагӣ), масъулиятнокӣ, қатъ гардидани ваколатномаҳо ва дигар шартҳо муқаррар карда мешаванд. Амали қонунгузорӣ оид ба меҳнат ба муносибати байни Бонк ва аъзои Раёсат дар қисмате татбиқ мегардад, ки хилофи муқарраротиқонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» набошад.

13.9. Раис ва аъзои Раёсат наметавонанд узви Шӯрои нозирон ва Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ интихоб шаванд.

13.10. Раёсат дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) татбиқ намудани самтҳои асосии фаъолияти Бонк;

2) таъмин намудани риояи меъёрҳои идоракунии корпоративӣ ва талаботи идоракунии хавфҳои бонкӣ;

3) таъмин намудани сатҳи зарурии низоми идоракунии Бонк, ки масъулият, ваколат ва муносибатҳои ҳамдигарии воҳидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор ва кормандони дигари Бонкро муқаррар менамояд;

4) ташкил намудани низоми назорати дохилии Бонк, мониторинги мутобиқат ва самаранокии он;

5) ҳалли ҳамаи масъалаҳои дигари роҳбарии фаъолияти ҷории Бонк, ки ба салоҳияти Маҷлиси умумии саҳмиядорон, Шӯрои нозирон ва Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ марбут нестанд ва бо ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк пешбинӣ шудаанд.

13.11. Раиси Раёсат дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) аз номи Бонк бе ваколатнома баромад карда, онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ ва ғайридавлатӣ намояндагӣ мекунад ва шартномаҳо мебандад;

2) кормандони Бонкро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;

3) дар маҷлисҳои Раёсат раисӣ менамояд;

4) ба қарорҳо ва протоколҳои маҷлисҳои Раёсат имзо мегузорад;

5) вазифаҳоро дар байни муовинон тақсим менамояд;

6) фармону амрҳо медиҳад, ки иҷрои онҳо барои кормандони Бонк ҳатмӣ мебошад;

7) ҷадвали мансабҳои кормандони Бонкро тасдиқ намуда, шартҳо ва андозаи музди меҳнати кормандонро, ба истиснои раис, муовинони раис ва сараудитори Бонк, муайян менамояд;

8) барои фаъолияти Бонк пурра масъул мебошад;

9) масъалаҳои дигари фаъолияти Бонкро, ки ба салоҳияти Раёсат, Шӯрои нозирон, Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва Маҷлиси умумии саҳмиядорон тааллуқ надоранд, баррасӣ менамояд.

13.12. Маҷлиси Раёсат босалоҳият (дорои кворум) ҳисобида мешавад, агар дар он зиёда аз нисфи шумораи аъзои Раёсат, аз он ҷумла тариқи онлайн, иштирок дошта бошанд.

13.13. Ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар маҷлиси Раёсат ҳар узви Раёсат соҳиби як овоз буда, вогузор намудани ҳуқуқи овоз ба дигар узви Раёсат ва ё дигар шахс манъ аст.

13.14. Қарорҳои Раёсат тавассути овоздиҳии кушода бо аксарияти овозҳои аъзои Раёсат, ки дар маҷлис иштирок мекунанд, қабул карда мешаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад. Дар ҳолати баробар будани овозҳо зимни гузаронидани овоздиҳӣ овози Раиси Раёсат ҳалкунанда мебошад.

13.15. Новобаста аз масъулияти шахсии Раиси Раёсат барои фаъолияти Бонк муовинони Раис, аъзои Раёсат, дигар кормандони роҳбарикунанда, роҳбарони филиалҳо ва намояндагиҳои Бонк аз рӯи тақсимоти ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва вазифаҳои хизматӣ, инчунин низомномаю дастурамалҳои мансабӣ, масъул мебошанд.

13.16. Раёсат вазифадор аст дар бораи аз вазифа озод кардани узви Раёсат на дертар аз се рӯз аз санаи қабули қарори дахлдор Бонки миллии Тоҷикистонро хабардор намояд.

13.17. Тартиби ба амал овардани фаъолият ва баргузории маҷлисҳои Раёсат, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти Раис ва аъзои Раёсат, ҳамкории Раёсат бо дигар мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои сохтории Бонкро Низомномаи Раёсати ҶСК «Тавҳидбонк», ки аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмиядорон тасдиқ мегардад, муайян менамояд.

## БОБИ 14. КУМИТАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

14.1. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ мутобиқ будани созишномаҳои (шартномаҳои) басташудаи Бонкро ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ таъмин менамояд.

14.2. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ аз ҷониби Шӯрои нозирон дар ҳайати се нафар таъсис дода мешавад.

14.3. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ аз ҷониби Шӯрои нозирон аз ҳисоби шахсоне таъин карда мешаванд, ки метавонанд ҳамчун коршиноси фаъолияти бонкии исломӣ ба Бонк ҷиҳати ба ҳуқуқи бонкии исломӣ мутобиқат кардани фаъолияти он машварат диҳанд.

14.4. Аъзои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ӯҳдадоранд:

1) ҳангоми баррасии масъалаҳои дар назди онҳо гузошташуда беғараз ва воқеъбин бошанд;

2) доир ба масъалаҳои баррасишаванда хулосаю тавсияҳои саҳеҳ, асоснок ва далелнок диҳанд;

3) дастури муқарраршударо риоя карда, доир ба масъалаҳои дар назди онҳо гузошташуда хулоса ва тавсияҳои саривақтӣ диҳанд;

4) низоми сирри бонкӣ ва тиҷоратиро нисбат ба маълумоте, ки ҳангоми иҷрои вазифа ба онҳо дастрас шудааст, риоя намоянд;

5) ҳангоми мавҷудияти ақидаҳои гуногун одобро риоя карда, қарорҳои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломиро вайрон накунанд;

6) расмиёт ва стандартҳоеро, ки Шӯрои машваратии хизматрасонии бонкии исломӣ маъқул дониста, Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, риоя намоянд.

14.5. Ваколатҳои Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, тартиби таъсис ва талабот ба аъзои он бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд. Шӯрои нозирон мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии мазкур Низомномаи Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломии Бонкро тасдиқ мекунад.

## БОБИ 15. НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ БОНК. АУДИТ

15.1. Маҷлиси умумии саҳмиядорон барои анҷом додани назорати фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» Ревизорро интихоб менамояд. Ревизор наметавонад ҳамзамон узви Шӯрои нозирон бошад, инчунин дар мақомоти идораи Бонк ягон мансабро ишғол намояд. Саҳмиядорони Бонк, ки аъзои Шӯрои нозирон ё шахсони дар мақомоти идораи Бонк мансаб ишғолкунанда мебошанд, ҳангоми интихоби Ревизор наметавонанд дар овоздиҳӣ иштирок намоянд.

15.2. Тафтиши (ревизияи) фаъолияти молиявию хоҷагии Бонк вобаста ба натиҷаи фаъолияти сол, инчунин ҳар вақти дигар бо ташаббуси Ревизор, қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон, Шӯрои нозирон ё бо ташаббуси саҳмиядоре (саҳмиядороне), ки дар маҷмӯъ дорои на камтар аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк мебошанд, гузаронида мешавад.

15.3. Бо талаби Ревизор шахсони мансабдори Бонк бояд дар хусуси фаъолияти молиявию хоҷагии он ҳуҷҷатҳо пешниҳод намоянд.

15.4. Дар вақти иҷрои ӯҳдадориҳояш Ревизор метавонад мутахассисонро аз ҷумлаи шахсоне, ки дар Бонк кор намекунанд, ба гузаронидани тафтиш ҷалб намуда, барои амалҳои онҳо масъул мебошад.

15.5. Ревизор маълумотро дар бораи тафтиши гузаронидашуда ва ҳамчунин хулосаро дар хусуси мутобиқати тавозун ва ҳисоботи фоидаву зарар барои тасдиқ пешниҳодшуда ба вазъи ҳақиқии корҳо дар Бонк бо тавсияҳо дар хусуси бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда ва даромади ғайримуқаррарӣ ба Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорони Бонк пешниҳод мекунад.

15.6. Ревизор ҳуқуқ дорад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати Маҷлиси ғайринавбатии умумии саҳмиядоронро талаб кунад.

15.7. Бо қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон ба Ревизор дар давраи иҷро намудани ӯҳдадориҳояш метавонад подош пардохта, хароҷоти вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳояш ҷуброн карда шавад. Андозаи чунин подош ва ҷубронпулӣ бо қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон бо тавсияи Шӯрои нозирон муқаррар карда мешавад.

15.8. Тартиби интихоб, фаъолият ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои Ревизор дар Низомнома дар бораи Ревизори ҶСК «Тавҳидбонк», ки Маҷлиси умумии саҳмиядорон тасдиқ менамояд, муайян карда мешаванд.

15.9. Барои омӯзиш ва баррасии пешакии масъалаҳои вобаста ба ҳисоботи молиявӣ, низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, ҷараёни аудити дохилӣ ва берунӣ дар назди Шӯрои нозирон Кумитаи аудит таъсис дода мешавад.

15.10. Раис ва аъзои Кумитаи аудит аз ҷониби Шӯрои нозирон ба мӯҳлати 4 сол интихоб карда мешаванд. Раиси Шӯрои нозирон, Раис ё аъзои Раёсат аъзои Кумитаи аудит буда наметавонанд.

15.11. Кумитаи аудит дорои ваколатҳои зерин мебошад:

1) баррасӣ намудан ва тавсияи қабули нақшаи солонаи аудит, қоидаҳои ҳисобдорию назорати онҳо ва идоракунии хавфҳо дар Бонк;

2) додани тавсия барои таъини аудитори берунии Бонк;

3) баррасӣ намудани ҳисоботи аудитори берунӣ оид ба ҳисоботи молиявии Бонк ва ба Шӯрои нозирон додани маълумот оид ба камбудиҳои ошкоршуда то даме, ки аз ҷониби он ҳисоботи молиявӣ маъқул дониста шавад;

4) талаб кардани ҳисобот аз сараудитори дохилии Бонк;

5) мониторинги мутобиқати фаъолияти Бонк ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди маълумот ба Шӯрои нозирон;

6) баррасӣ намудани ҳисоботи Бонк, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мешавад;

7) пешниҳод намудани гузориш оид ба масъалаҳое, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон ё Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ дар назди Кумитаи аудит гузошта шудаанд;

8) баррасӣ намудани амалиёт ва аҳдҳои Бонк дар заминаи нақшаҳое, ки Кумитаи аудит қабул кардааст, дар асоси дархости:

- Шӯрои нозирон;
- Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ;
- саҳмиядор (саҳмиядорон), ки дар маҷмӯъ дорои на камтар аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори Бонк мебошанд;

9) пешниҳоди ҳисобот дар Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорон оид ба фаъолияти худ.

15.12. Қарорҳои Кумитаи аудит бо аксарияти овозҳои аъзои он дар ҷаласа иштирокдошта қабул карда мешаванд. Ҳангоми баробар будани шумораи овозҳо овози раиси Кумитаи аудит ҳалкунанда мебошад.

15.13. Тартиби ба амал овардани фаъолият ва баргузории ҷаласаҳо, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аъзои Кумитаи аудит, ҳамкории он бо мақомоти идоракунӣ ва воҳидҳои сохтории Бонкро Низомномаи Кумитаи аудити ҶСК «Тавҳидбонк», ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ мегардад, муайян менамояд.

15.14. Дар Бонк сохтори аудити дохилӣ амал менамояд, ки тартиби ба амал овардани фаъолияти онро, ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва масъулияти кормандонашро низомномаи аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқгардида муайян менамояд.

15.15. Ба сохтори аудити дохилӣ сараудитори дохилӣ роҳбарӣ менамояд, ки бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад.

1) дорои таҳсилоти олии иқтисодӣ, ҳамчунин дорои таҳсилот дар соҳаи фаъолияти бонкии исломӣ ва собиқаи кории на камтар аз панҷсола аз рӯи ихтисос дар низоми бонкӣ, ки на камтар аз се соли онро собиқа дар вазифаҳои роҳбар ё муовини роҳбари воҳиди сохтории иқтисодӣ ташкил диҳад, бошад;

2) шахси аз нигоҳи касбӣ босалоҳият ва боэътимод бошад;

3) оид ба Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ дониши кофӣ дошта бошад;

4) корманди ташкилоти қарзии анъанавӣ ва ташкилоти қарзии исломии дигар набошад;

5) дар Бонк пурра ва дар як вазифа кор кунад;

6) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ намояд.

15.16. Бонк барои гузаронидани аудити мустақил ва тасдиқи дурустии ҳисоботи солонаи молиявии худ ҳар сол аз рӯйхати нашрнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ташкилоти аудитории беруниро таъин менамояд, ки бо Бонк ва ё саҳмиядорони он дар асоси манфиатҳои молумулкӣ алокаманд намебошад ва барои амалӣ намудани ин гуна тафтиш иҷозатномаи дахлдор дорад.

15.17. Аудити фаъолияти Бонк аз тарафи ташкилоти аудитории берунӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» бо назардошти муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва шартномаи тарафайн амалӣ мегардад.

15.18. Хулосаи ташкилоти аудитории берунӣ ба Маҷлиси умумии солонаи сазмиядорон ва бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

15.19. Раёсат дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯз баъди дастрасии хулосаи аудиторӣ ва тавсияномаи ташкилоти аудиторӣ нусхаи онҳоро ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол намуда, бо назардошти хулосаи аудиторӣ ҳисоботи молиявии ислоҳшударо ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мекунад.

## БОБИ 16. ҲИСОБДОРӢ ВА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

16.1. Ҳисобдорӣ ва ҳисоботи молиявии Бонк мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ амалӣ мегардад.

16.2. Бонк қоидаҳои ҳисобдорӣ, феҳрист, шаклҳо, тартиби таҳия ва мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботи молиявиро, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, риоя мекунад.

16.3. Соли молиявии Бонк 1 январ оғоз ёфта, 31 декабри ҳамон сол ба охир мерасад.

16.4. Бонк ҳисоботи молиявии худро, ки аз тавозун, ҳисобот дар бораи фоидаву зиён, ҳисобот дар бораи гардиши маблағҳои пулӣ, ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармоя ва эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ иборат мебошад, дар мӯҳлатҳои дахлдор ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мекунад. Дар баробари ҳисоботи молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумоти зерин пешниҳод карда мешавад:

- оид ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳо;
- оид ба риояи меъёрҳои мақбул;
- оид ба суратҳисобҳо ва нишондиҳандаҳои молиявӣ;

- ҳисоботи оморӣ дар шакли алоҳида ва дар шакли маҷмӯӣ;
- дигар иттилооти зарурӣ, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон талаб менамояд.

16.5. Нусхаи ҳисоботи молиявии солона на дертар аз чор моҳи баъди анҷоми соли молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

16.6. Бонк ҳисоботи молиявии солонаи худро, ки аз аудит гузаштааст, дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ баъди гирифтани хулосаи аудиторӣ дар на камтар аз ду рӯзномаи ҷумҳуриявӣ ва сомонаи расмии худ нашр менамояд.

## БОБИ 17. АЗНАВТАШКИЛДИҲӢ ВА БАРҲАМДИҲИИ БОНК

17.1. Азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии Бонк бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

17.2. Дар сурати бозхонди Иҷозатнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти Бонк бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Чумҳурии Тоҷикистон қатъ карда мешавад.

## БОБИ 18. ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ОИННОМАИ БОНК

18.1. Ворид намудани тағйиру иловаҳо ё тасдиқ намудани Оинномаи Бонк дар таҳрири нав дар асоси қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон, ки бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмиядорони дорандаи саҳмияҳои овоздори иштироккунандагони Маҷлиси умумии саҳмиядорон қабул карда мешавад, амалӣ мегардад.

18.2. Тағйиру иловаҳое, ки ба Оинномаи мазкур ворид шудаанд, аз лаҳзаи имзокунии қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон оид ба тасдиқ намудани онҳо, эътибор пайдо мекунанд.